# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6Д.КОА-096 дар назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи: “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.09 - Сабзавотпарварӣ.

Кори диссертатсионии Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи: “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш” ба омӯзиши яке аз самтҳои муҳими соҳаи кишоварзии мамлакат нигаронида шудааст. Бо назардошти талаботи афзояндаи ҳамасолаи аҳолӣ ба пиёзи барвақтӣ, хусусиятҳои хоси нашъунамои он дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар шароити ҷануби вилояти Хатлон, норасогии он ҳамчун маҳсулоти муҳими ғизоӣ дар аввалҳои фаслҳои баҳору тобистон, нақши содиротии маҳсулот ва дорои қобиляти баланди иқтидорӣ ҳосилнокӣ будан, бехпиёзи барвақтӣ ба яке аз зироати асосии афзалиятноки соҳаи кишоварзии мамлакат табдил меёбад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши илмии самаранокии истифодабарии нуриҳои минералӣ дар кишти ин зироат дорои аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Бехпиёз шомили гурӯҳи зироатҳои сабзавотӣ буда, дар ҷумҳурӣ дорои аҳамияти бештари истеҳсолию иқтисодӣ ва барои парвариши 2-3 ҳосили пурра дар давоми як сол, дар заминҳои обёришаванда мутобиқат мебошад. Зироати бехпиёз табиатан ба мавҷудияти миқдори зарурии маводҳои асосии ғизоӣ, аз қабили нитроген, фосфор ва калий аз аввали нашъунамо то ба давраи расидани ҳосил талаботи зиёд дорад. Дар хокҳои хокистарранги равшани табиатан камҳосил, истифода бурдани меъёр ва таносуби илман асоснокгардидаи нуриҳои минералӣ дар парвариши бехпиёз, дар баланд бардоштани махсулнокӣ ва ҳосилнокии он нақши ҳалкунанда мебозад.

Тадқиқотҳои илмии ба анҷом расонидаи унвоҷӯ Раҳимов Шодмон Давлатович дар шароити водии Вахши вилояти Хатлон, ки минтақи асосии парвариши ҳосили барвақтии бехпиёз ба шумор меравад, дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, дар таъмини амнияти ғизоии кишвар нақши арзанда дорад.

**Навгонии илмии тадқиқот**. Омӯзиши самаранокии истифодаи меъёр ва таносуби нуриҳои минералии нитрогенӣ, фосфори ва калигий дар шароити водии Вахш вилояти Хатлон, дар хокҳои хокистарранги равшани ин минтақа, ки аз ҷиҳати ҳосилхезӣ дорои нишондиҳандаи пасти табии мебошанд ва дар сатҳи додашуда маротибаи аввал иҷро намудааст. Дар шароити додашуда навъҳои барвақтии бехпиёзи “Пешпазак,” “Алдоба” ва “Тунис” мавриди

таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуда, гузаштани давраи нашъунамо, хусусиятҳои фенологию биометрӣ, ҳосилбандӣ, давраи пухтарасии ҳосил, сифатҳои биохимиявии ҳосил, ки дорои аҳамияти ҳамаҷонибаи истеҳсолию иқтисодӣ мебошанд, мавриди омӯзиши васеъ қарор дода шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот.** Унвонҷӯ Раҳимов Ш.Д. дар шароити водии Вахши вилояти Хатлон тағйирёбии низоми маводи ғизоӣ дар хок, хусусиятҳои хоси биологӣ, миқдори маводи хушк,қанднокӣ ва захирашавии нитратҳо дар растанӣ ва бехпиёз, зери таъсири истифодаи меъёрҳои гуногуни нитроген, фосфор ва калий дар шароити таҷрибаҳои саҳроӣ ва тадқиқотҳои озмоишгоҳӣ дар давраи солҳои 2018-2020 гузаронида шуда, дорои аҳамияти илмӣ мебошанд.

Натиҷаҳои ин тадқиқот асоси рушди ҳосили баланд ва дорои сифати дилхоҳро барои бехпиёз фароҳам меоранд ва дар соҳаи илми сабзавотпарварӣ саҳми назаррас доранд. Аҳамияти илмию амалии тадқиқоти гузаронида унвонҷӯ дар он даст, ки онҳо имконияти рӯёнидани ҳосили баланд ва хушсифати зироатро бо истифода аз миқдори муайяни нуриҳои минералӣ,ки дар давраҳои тирамоҳ-зимистон ва аввали баҳор бо назардошти хусусиятҳои хоси он дар ин марҳилаи нашъунамо истифода мешаванд, муҳайё мегардонанд. Бо назардошти ин нуқтаи назар, натиҷаҳои ба дастомада барои навъҳои барвақтии бехпиёз, аз қабили навъҳои “Пешпазак,” “Алдоба” ва “Тунис”, ки ҳосилнокии баландро дар водии Вахш таъмин менамояд аҳамияти муҳимро дар бар мегирад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар тадқиқот.**Унвонҷӯ масъалаи мубрами илмиро дар асоси натиҷаҳои омӯзиши самаранокии истифодабарии нуриҳои минералӣ аз ҷониби олимони ватанию бурунмарзӣ омухта, мавзуи таҳқиқоти илмии худро муайян намудааст. Интихоби омӯзиши навъҳои барвақтии бехпиёзи дар ин минтақа парваришшаванда ба диссертант таалуқ дорад. Гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, омӯзиши хусусиятҳои хоси биологӣ ва маҳсулнокии зироати бехпиёз, таҳлили натиҷаҳои илмию озмоишгоҳӣ, навиштани ҳисоботҳои солонаю ҷамъбастӣ, мақолаҳои илмӣ, рисола ва автореферат маҳсули меҳнати зеҳнии унвонҷӯ ба ҳисоб меравад ва аслияти матни рисоларо инъикос менамояд. Иштироки бевоситаи муаллиф дар гузаронидани ҷамъбасти натиҷаҳои илмӣ 90% баробар мебошад.

**Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия**. Унвонҷӯ Раҳимов Ш.Д. натиҷаҳои таҳқиқотиашро дар 16 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 номгуй дар маҷаллаҳои тақризшавадаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 номгӯйи дигараш дар маводҳои конференсияҳои илмии соҳавӣ ба таъб расонидааст. Мақолаҳои аз чоп баромада мундариҷа, мазмуну мухтавои ба даст омадаи тадқиқотҳои унвонҷуро инъикос менамоянд.

**Дарачаи эътимоднокии натичаҳо**. Корҳои илмию таҳқиқотӣ дар масъалаи истифодабарии нуриҳои минералӣ дар парвариши ҳосили навъҳои барвақтии бехпиёз бо истифода аз усулҳои гузаронидани тадқиқотҳои илмии В.Ф. Белик [1979] дар зироатҳои сабзавотию полезӣ ва усулҳои баргузории таҷрибаҳои саҳрой Б.А.Доспехов [1985], таҳлили биохимиявии маҳсулот бо истифода аз усулҳои мавҷудбуда ва муайян намудани микдори мавҷудияти нитратҳо дар маҳсулот бо истифода аз "Усули экспресс" гузаронида шудаанд. Асоси илмию методии таҷрибаҳои саҳрой ва озмоишгоҳии муаллифи диссертатсияро мақолаю рисолаҳо ва китобҳои олимони ватанию хориҷӣ, ки омӯзиши хусусиятҳои хоси зироати бехпиёзро вобаста аз истифодаи нуриҳои минералӣ ва навъҳои селексияи олимони тоҷик ва Ҳоландиро дар бар мегиранд, ташкил медиҳад. Таҳлили дисперсионии натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи усули пешниҳоднамудаи Б.А. Доспехов.[1985] гузаронида шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуну мундариҷаи корҳои тадқиқотии дар диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 06.01.09-Сабзавотпарварӣ оварда шуда ба талаботи феҳристи ихтисосҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил гаштан ба драҷаи илмӣ, ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.10.2020, фармоиши №237/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи "Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш" дар асоси талаботҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Муҳокимаи аввалини он дар шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз 28.04.2025 (Протоколи №2) ва дар ҷаласаи шурои олимони институт аз 04.07.2025 (Протоколи №8) муҳокима гардидааст. Аз ҷониби аъзоёни Шурои олимони институт кори илмии Раҳимов Ш.Д.-ро мусбӣ арзёбӣ гардида, ба он баҳои воқеъбинона дода шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар 146 саҳифаи компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 5 боб , хулоса, тавсияҳо барои истеҳсолот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот, 27 ҷадвал 3 расм 8 диаграмма, замима ва руйхати адабиётҳои истифодагардида 157 номгуй аз он 6-тоаш муаллифони хориҷиро дар бар мегирад. Диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ Раҳимов Ш.Д. мустақилона навишта шуда, пайдарҳамии натиҷаҳои тадқиқотро дар бар мегирад ва ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд.

Кори диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш” барои дарёти дараҷаи илмии номзади илмхои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 - Сабзавотпарварӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.09 - Сабзавотпарварӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқиашон ба ихтисоси 06.01.09 - Сабзавотпарварӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Садридинов Сайфидин - доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии шуъбаи тадқиқоти иқтисодиёти воқеии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- Солиев Зокирхоҷа Маҳмудхоҷаевич - доктори илмҳои кишоварзӣ, муовини директор оид ба илм, инноватсия ва равобити байналмилалии филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ш.Исфара.

3. Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Данғара.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 29 декабри соли 2025, соати $14^{00}$ муқаррар карда шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои биологӣ, аъзои
вобастаи АМИТ, профессор Алиев Қ.А.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор Бобохонов Р.С.
номзади илмҳои кишоварзӣ Баротов Ф.М.

14.10.2025